آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

8 июни соли 2022 Чоршанбе № 46 (14851)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

НАТИҶАҲОИ СОҲАИ ХИДМАТРАСОНӢ ТАҲЛИЛ ГАРДИДАНД

Зери раисии Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 7 июн ҷамъомади видеоселекторӣ доир ба масъалаҳои инкишофи соҳаи хидматрасонӣ баргузор гардид.

Соҳаи хидматрасонӣ соҳаи иқтисодиёте мебошад, ки имкон медиҳад ҷойҳои кор зуд ва бо харҷи кам ба вуҷуд оварда шавад. Аз ин рӯ, дар минтақаҳо марказҳои хидматрасонии маишӣ ташкил гардида, таълими касбии бекорон созмон дода мешавад ва барояшон маблағу шароит пешниҳод мегардад.

27 январи соли ҷорӣ Президент қарорро «Дар бораи чорабиниҳои иловагии инкишофи соҳаи хидматрасонӣ» ба имзо расонд, ки бинобар он барои соҳа чандин имтиёзот ва захираҳои имтиёзнок ҷудо карда шуд.

Соли ҷорӣ дар соҳаи мазкур татбиқи беш аз 120 ҳазор лоиҳаи нав ва афзоиши ҳаҷми хидматрасонӣ то 435 триллион сӯм ба нақша гирифта шудааст.

Дар ҷамъомад, ки дар руҳи танқид баргузор шуд, корҳое, ки дар минтақаҳо дар ин самт анҷом дода шудаанд, таҳлил гардиданд.

Таъкид шуд,ки он ҷойҳое, ки ҳокимон ғами одамонро мехуранд, аз рӯи вичдон кор карда, ба соҳибкорон дар бобати замин, бино ва инфрасохтор мадад мерасонанд, ба натичаҳо ноил мегарданд. Барои мисол, дар шаҳри Тошканд, вилоятҳои Самарқанд, Фарғона ва Андиҷон ҳазорҳо ҷойи кор ба вуҷуд оварда шудааст.

Дар моҳҳои январ-май дар соҳаи хидматрасонӣ 232 ҳазор ҷойи кор ба вуҷуд оварда шуд. Аммо нишондодҳои вилоятҳои Ҷиззах, Навоӣ, Хоразм ва Қашқадарё паст мебошанд.

Дар ду моҳи охир ба ауксион 12 ҳазор қитъаи замин чун объектҳои хидматрасонӣ гузошта шудааст. Ҳамзамон дар 27 ноҳия барои фурӯш камтар аз 10 қитъа гузошта шудааст.

Бинобар ин чораҳои интизомии ҷазо нисбати ҳокимони шаҳрҳо ва ноҳияҳо, муовинони онҳо оид ба сохтмон, ки дар кор ба камбудӣ роҳ додаанд, муайян карда шуданд.

Зимни муҳокимаи нақшаҳо бинобар инкишофи соҳаи хидматрасонӣ дар 9 моҳ ва то охири сол ба сифати мисол таҷрибаи Бухоро зикр гардид.

Ҳамин тариқ, дар Бухоро соҳибкорон ресторан ва қаҳвахонаро дар бомҳои меҳмонхонаҳо, ошхонаҳо ва маҳоҳаҳо ташкил намудаанд. Таҳлили самарабахшии кредитҳои имтиёзнок нишон дод, ки харҷи миёна барои фароҳам овардани як ҷойи кор дар Бухоро ҳамагӣ 8-9 миллион сӯмро ташкил додааст.

Ба шахсони масъул татбиқ намудани ин таҷриба дар дигар шаҳр ва марказҳои ноҳияҳо ва ҳамчунин таҳия намудани талабот нисбат ба бехатарӣ ва шароити иҷора супориш дода шуд.

Умуман дар ихтиёри мақомоти давлатӣ қариб 4 ҳазор бинои маъмурӣ вуҷуд дорад, ки дар маҳалҳо муносиб ва шафати роҳҳои серҳаракат ҷойгир шудаанд. Ишора шуд, ки ин бино ва иншоот инчунин метавонад дар соҳаи хидматрасонӣ муфид истифода гардад.

Барои ташкили нуқтаҳои хидматрасонӣ вуҷуд доштани ҷойи қулай аҳамияти муҳим касб менамояд. Бинобар ин дар ҷамъомад муайян карда шуд, ки ба ауксион боз 25 ҳазор қитъаи замин барои истифода – чун хидматрасонӣ ва савдо гузошта хоҳанд шуд.

Барои қулаии аҳолӣ ҷараёни гузоштани замин ба ауксион барои дарёфти иҷора аз 48 рӯз то 15 рӯз ва барои хариди хусусӣ аз 74 то 20 рӯз кӯтоҳ карда мешавад. Қитъаҳои замин аз ҷониби экспертиза баҳо дода мешавад, қимати воқеӣ дар ауксион муайян карда мешавад.

Ҳамзамон аз 1 январи соли 2023 тартиби ҳамоҳангсозии маълумоти кадастр бо дигар идораҳо зимни ба ауксион гузоштани замин бекор карда мешавад.

Маълумотҳои кадастри тамоми вазоратҳо ба Низоми ахбори ҷуғрофии миллӣ дохил карда мешавад.

То 1 сентябри соли ҷорӣ ташкил намудани 253 кӯчаи махсуси савдо ва хидматрасонӣ дар 205 ноҳия ва шаҳр ба нақша гирифта шудааст. Соли гузашта барои ин мақсадҳо аз буҷети ҷумҳурӣ 1,4 триллион сӯм ҷудо гардида бошад, соли ҷорӣ он 900 миллиард сӯмро ташкил менамояд.

Барои мисол кӯчаи сарбаста дар маҳаллаи Ҷиззахлики шаҳри Ҷиззах бо кӯчаи марказии Шароф Рашидов пайваст мебошад, дар он барои объектҳои савдову хидматрасонӣ кори шабонарӯзӣ иҷозат дода шудааст. Дар натича кори тоҷирон пеш рафта, 200 ҷойи кор ба вуҷуд оварда шуд.

Ба ҳокимони вилоятҳо дар шаҳру ноҳияҳо ба вуҷуд овардани чунин кӯчаҳо супориш дода шуд. Боз як мисоли дигар: дар истироҳатгоҳи машҳури Амонхона дар Бойсун се меҳмонхона вуҷуд дорад. Аммо аз сабаби кам будани ҷой меҳмононро меҳмонхонаҳои ҳавлиҳо қабул мекунанд. Агар роҳи истироҳатгоҳ бехтар карда шавад, теъдоди меҳмонон зиёд гардида, дар шафати роҳ беш аз 200 объекти савдо ва хидматрасонӣ кушодан мумкин аст. Бинобар ин ба шахсони масъул доир ба инкишофи деҳаи Амонхона супоришҳо дода шуд.

Супориш дода шуд, ки дар асоси чунин корбурд ширкат ва коршиносони машваратии хориҷиро ҷалб намуда, барои 28 шаҳру 10 ноҳия мастер-план бо потенсиали баланди соҳаи хидматрасонӣ таҳия карда шавад.

Президент ногузирии сода намудани талаботро барои фаъолияти савдо дар пойгоҳи василаҳои сайёр ва конструксияҳои сабук таъкид намуд.

Аз он ҷумла, ба ширкатҳои иқоматгоҳҳои хусусӣ, маҳаллаҳо, ташкилотҳои хайрия ва роҳ дар ҳудуди худ кушодани қаҳвахонаҳо ва нуқтаҳои савдо иҷозат дода мешавад. Ин қариб 50 ҳазор нафарро бо кор таъмин менамояд.

Дар ҷамъомад инчунин масъалаҳои ҷалби сармоягузорони хусусӣ ба соҳаи нақлиёт, васеъ намудани намудҳои хидматрасонӣ, трансформатсияи фаъолияти Кумитаи роҳҳои автомобилгард муҳокима гардиданд.

Роҳбари давлат дар бобати натичаи интихоботи маҳаллаҳо низ таваккуф намуда, раисонро бо интихоб гардиданашон табрик намуд.

– Роҳбари маҳалла будан масъулияти калон аст. Раисони маҳаллаҳо пешво бояд бошанд, хусусан дар бобати то ҳар як хонадони мамлакат расондани ислоҳот, баланд бардоштани некуаҳволии халқамон, дар назди ҳокимон гузоштани масъалаҳое, ки одамонро нигарон намудааст. Татбиқи масъалаҳои дақиқе, ки имрӯз дар бобати инкишофи соҳаи хидматрасонӣ гузошта шуданд, низ бояд аз маҳалла шурӯъ гардад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар ҷамъомад муовинони Сарвазир, вазирон, ҳокимон ва ёварони онҳо гузориш доданд, онҳо нақша ва пешниҳодоти худро баён намуданд.

ЎзА.

Аҳмад ШАҲИД:

ЎЗБЕКИСТОН БАРОИ МУКОЛАМАИ СОЗАНДА БОЗ АСТ

Сафири Ӯзбекистон Ҷавлон ВАҲҲОБОВ дар Вашингтон бо маърӯзачии махсуси СММ оид ба озодии дин ва эътиқод Аҳмад ШАҲИД мулоқот кард.

Сафир ба маърӯзачии махсус дар бораи чорабиниҳо оид ба такмили таҷрибаи қонунгузорӣ дар соҳаи таъмини озодии виҷдон, ба қайд гирифтани ташкилотҳои динӣ ва фароҳам овардани шароит барои фаъолияти бемамониат, озод кардани маҳбусон, ки барои иштирок дар созмонҳои манъшуда маҳкум шудаанд, мубориза бар зидди радикализм, аз ҷумла, тавассути тавсеаи механизмҳои институткунонӣ, тарғиби исломи маърифатпарвар муфассал маълумот дод.

Қайд карда шуд, ки дар саъю талошҳои пайвастаи Ӯзбекистон дар мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм ба тарғиби ғоя ва тамоюлҳои таҳаммулпазирӣ, эҳтироми байниҳамдигарӣ, муколамаи байни динҳо ва фарҳангҳо бо иштироки тамоми қишрҳои ҷамъият эътибори асосӣ дода мешавад.

Ҳамзамон дар Ӯзбекистон, дар асоси тамоюли «Маърифат бар зидди ҷаҳолат», ки ба огоҳии аҳолӣ, дастгирии ҳамҷонибаи намояндагони табақаҳои гуногуни ҷомеа, хусусан ба дастгирии ҷавонон нигаронида шудааст, чораҳои мунтазам андешида мешавад.

Дар навбати худ Аҳмад Шаҳид аз пешрафтҳои Ӯзбекистон дар соҳаи таъмини озодиҳои динӣ рӯҳбаланд буданашро қайд кард: «Аз нахустин мулоқотам бо Президент Шавкат Мирзиёев соли 2017 бо як ҳаяҷон мушоҳида мекунам, ки бо шарофати азми қатъии ӯ Ӯзбекистон ҷиҳати ба амал овардани дигаргуниҳои куллӣ дар пешбурди ҳуқуқи инсон ба муваффақиятҳои тасаввурнашаванда ноил шудааст, хусусан дар соҳаи озодии дин ва эътиқод»,– таъкид намуд маърӯзачии махсуси СММ.

Ба гуфтаи ӯ «Ӯзбекистон дар қатори кишварҳои камшумор дар мулоқоти созанда бо институтҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи коршиносон ошкорбаёнии қатъӣ нишон медиҳад».

Маърӯзачии махсуси СММ ҳавасмандии худро дар идомаи ҳамкориҳо бо Ӯзбекистон ба пешрафти кишвар дар соҳаи озодии дин тавассути барномаҳои муштараки тренингҳо, ки ба баланд бардоштани дониш дар бораи стандартҳои байналмилалӣ нигаронда шудааст, таъкид кард, зеро озодӣ, тафаккур, вичдон, дин ва эътиқод дар асоси он қарор дорад. Чунин барномаҳо, ба гуфти Аҳмад Шаҳид, ба рушди неруи касбии намояндагони сохтори махсуси давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ имкон медиҳад.

АИ «Дунё»,
ВАШИНГТОН.

СӮХ – МИЗБОНИ ЧОРАБИНИИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ФАРҲАНГӢ

Моҳи июн барои сокинони диёри мо, хоссатан барои мардуме, ки торафт хубшавии муносибатҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон, мазмуни тоза пайдо кардани дӯстию бародарӣ байни тоҷикон ва ӯзбекон барояшон хушоянд аст, аз воқеаҳо бой гардид. Ташрифи бобарори Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мамлакати мо яке саҳифаҳои дурахшон дар солномаамон бошад, зуҳуроти дар Тоҷикистон низ воқеан эътибори бузург доштани роҳбари давлати мо Шавкат Мирзиёеви азиз дар қалби ӯзбекистониён эҳсоси тафохур тавлид сохт.

Яке аз мавзеъҳои тоҷикнишин дар водии Фарғона ноҳияи Сӯх буда, байни чордевори кӯҳҳо, дар иҳотаи Қирғизистон ҷой гирифтааст. Бинобар наздисарҳадӣ будани қаламрав бештар аз ду даҳсола вазъи иқтисодию ичтимоӣ дар ин ҷо басо вазнин ва равуо ба маркази вилоят ва дигар нуқтаҳо барои аҳолӣ мушкилиҳои сахт тавлид намуд. Хушбахтона, вақтҳои охир, маҳз таҳти эътибори роҳбари Ӯзбекистон дар ноҳия дигаргуниҳои азим ба вуқӯъ пайвастанд. Татбиқи амалии худ ёфтани қарори махсуси сарвари кишварамон оиди тараккӣ додани ноҳия дар самтҳои гуногун, гуфтан мумкин, дурдасттарин гӯшаи вилояти Фарғонаро гул-гул шукуфонд.

Дар охири ҳафтаи гузашта ноҳия ба яке аз чорабиниҳои байналхалқии фарҳангӣ мизбонӣ намуд. Меҳмононе, ки намояндагони се ҷумҳурӣ мебошанд, баробари аз меҳмондории шарқона баҳра бурдан, аз ҳавои ҷонбахши табиати ҷаннатмонанди Сӯх нафас кашида, бунёдкориҳои азимро бо чашм дида, аз тамошои барномаҳои ҳунарии устодони саҳна ва овозхонҳои шинохта, ки аз пойтахт ташриф овардаанд, як олам таассурот гирифтанд.

Дар маросими тантананоки кушоиши истироҳатгоҳи солимгардонии бачагона аъзои Сенат ва депутатҳои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, намояндагони вазорат ва идораҳо, иттиҳодияҳои касабавӣ, ҳокимияти вилояти Фарғона, Федератсияи Иттиҳодияҳои касабавии мустақили Тоҷикистон, доираи васеи вакилони ҷамоатӣ, эҷодкорони шинохта, собиқадорон ва фаъолони маҳаллаҳо, устодону мураббиҳо ва падару модарон иштирок намуданд. Меҳмонон аз вилояти Бодканди Қирғизистон низ ба маросими муаррифии идона, ҳамҷиҳатии тоҷикону ӯзбекон, ки онҳоро аз якдигар ҷудо кардан душвор, гувоҳ гардиданд.

Раиси Федератсияи Иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон, узви Сенат Қудратулло Рафиқов дар баромади худ таъкид сохт, дар натичаи қабул шудани қарори Президент "Дар бораи чораҳои рушди маҷмӯии ичтимоию иқтисодии ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона дар солҳои 2021-2022", аз 8 августи соли 2020 ва ичрои он, нигаред, тӯли ду соли охир дар ин ҷо чӣ қадар дигаргуниҳо ба амал омадааанд. Истироҳатгоҳи бачагонаи молик ба ҳар гуна қулайиҳо дар як ҷойи хушманзар низ бо ташаббуси сарвари давлатамон арзи ҳастӣ намуд. Дӯстони тоҷикистонию қирғизистонӣ, айни замон, ба хурсандии аҳолии ин сарзамин, хусусан, гулҳои ҳаёт, ки дар ин ҷо истироҳат мекунанд, алъон шариканд.

Назар ба маълумоте, ки дар дасти мост, ба бунёдгариҳои азими солҳои охир, ҳалли муаммоҳое, ки аҳолиро азият медод, тақрибан 500 миллиард сӯм маблағ сарф шудааст. Барои барпои истироҳатгоҳи солимгардонии бачагона дар мавзеи Истиқлол бошад, 27 миллиарду 560 миллион сӯм ҷудо гардид. Он барои истироҳати 200 нафар пешбинӣ гардида, дар давоми мавсими тобистона дар 5 навбат ҷамъ 1000 нафар фарзандони мо аз таътили бофароғат баҳра бурда метавонанд.

Дар маросими кушоиш ба бачаҳои ноҳия, ки соҳиби воқеии истироҳатгоҳанд, калиди рамзии маскани нав, барои фароғатгоҳ бошад, автомобили "Дамас" супурда шуд.

Иштирокдорони чорабинӣ дигарбора шоҳиди он шуданд, имрӯз дар мамлакатамон ба тарбияи авлоди баркамол низ эътибори ҷиддӣ дода мешавад.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

Муносибат

Аз қадим халқҳои ӯзбеку тоҷик, ки урфу одат ва анъанаҳои муштарак доранд, ҳамеша чун ҳамсояи наздик, дӯсти боэътимод зиндагӣ мекунанд. Муносибатҳои давлатӣ дар Осиёи Марказӣ ба робитаҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва дипломатӣ, таърихи муштарак, арзишҳои маънавӣ, эҳтироми ҳамдигар ва анъанаҳои чандинасраи неки ҳамсоягӣ ташаккул ёфтаанд. Ин наздикӣ дар муносибатҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон ҳамчун заминаи мустаҳкам, тамоюли асосӣ хидмат мекунад.

САҲИФАҲОИ НАВИ ДУРАХШОНИ ДӮСТИИ ЎЗБЕКИСТОНУ ТОҶИКИСТОН

Муносибатҳои дипломатии миёни ду кишвар соли 1992 барқарор шуда, то имрӯз дар сатҳи байнидавлатӣ, ҳукуматӣ ва идоравӣ беш аз сад созишнома ба имзо расидааст.

Гуфтан мумкин аст, ки солҳои охир муносибатҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон ба сатҳи нав баромад. Инро дар он метавон мушоҳида кард, ки сарони Ӯзбекистону Тоҷикистон аз моҳи сентябри соли 2016 то ҳозир ҳашт маротиба мулоқот карда, чандин гуфтугӯи телефонӣ сурат гирифта ва дар ин раванд созишҳои зиёде ба даст омадааанд.

Натичаи ҳамин саъю кӯшиш аст, ки имрӯз мамлакатҳои мо дар бисёр соҳаҳо ҳамкорӣ доранд. Мисоли равшани ин пас аз соли 2016 сарҳадҳои миёни ду давлат кушода шуда, робитаҳо барқарор шуданд. Дар соҳаи маориф, таълими олӣ ва миёнаи махсус алоқаҳо фаъол гардиданд.

Ҳоло дар Тоҷикистон мактабҳои ба забони ӯзбекӣ асосёфта ва дар Ӯзбекистон мактабҳои тоҷикӣ фаъолият нишондода истодаанд. Ғайр аз ин, муомилоти савдои дутарафа сол аз сол меафзояд. Инчунин, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба хулосае омаданд, ки аз захираҳои обу энергетика дар асоси баробарии оқилона ба манфиати кишварҳои минтақа истифода кунанд.

Солҳои охир дар минтақа фазои нави сиёсӣ ба вуҷуд омад. Роҳбарияти Ӯзбекистон ба таҳкими робита бо кишварҳои ҳамсоя таваҷҷуҳи хоса зоҳир кард. Ин дар Стратегияи ҳаракат низ ифода ёфта, саъю кӯшиши мустаҳкам намудани муносибатҳоямон бо халқҳои ҳамсоя, муносибатҳои байнидавлатӣ самти афзалиятноки сиёсати берунии мо гардид.

Сафари расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо даъвати Президент Шавкат Мирзиёев ба Ӯзбекистон барои ба сатҳи нав баровардани муносибатҳоямон аҳамияти муҳим касб менамояд.

Дар мулоқоти маҳдуди роҳбарони ду кишвар масъалаи густариши минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ӯзбекистону Тоҷикистон бар асоси дӯстии чандинасра ва ҳамсоягии неки халқҳои бародари мо баррасӣ шуд. Дар мулоқот ба мустаҳкам намудани алоқаҳои дуҷонибаи, ҳамкориҳои байнипарлумонӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, сармоягузорӣ, нақлиётию логистикӣ ва фарҳангию гуманитарӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардид.

Қайд карда шуд, ки солҳои охир дар ҳамаи соҳаҳои ҳамкорӣ муваффақиятҳои калон ба даст оварда шуданд. Созишномаҳое, ки дар мулоқотҳои сатҳи олӣ ба даст омадааанд, бомуваффақият иҷро шуда истодаанд, ки бо ин мақсад байни ҳукуматҳо, вазорату идораҳои ҳар ду мамлакат алоқаҳои доимӣ барқарор карда шудаанд.

Ҷонибҳо омодагии худро барои тавсеаи тиҷорат, таҳкими ҳамкориҳои саноатӣ, рушди иқтидори логистикӣ ва транзитии ду кишвар, ғанӣ гардонидани робитаҳо бо мазмуни нави амалӣ тавассути лоиҳаҳои энергетикаи обӣ изҳор намуданд. Ҳамзамон масъалаҳои сулҳу субот дар минтақа баррасӣ шуданд.

Дар доираи вохӯрӣ оғози сохтмони нерӯгоҳи барқии обии Ёвон дар рӯди Зарафшон баргузор шуд. Президент Шавкат Мирзиёев ва Президент Эмомалӣ Раҳмон ба пахши тугмаи рамзӣ ба сохтмон оғоз бахшиданд.

Ин иншоот нахустин лоиҳаи бузурги ҳамкориҳои дуҷонибаи энергетикӣ бо иқтидори 142 мегаватт буда, дар таъмини бехатарии энергетикӣ, устувории об ва кишоварзии ду кишвар нақши муҳим дорад.

Дар мулоқоти дуҷонибаи сатҳи баланд 11 ҳуҷҷат ба имзо расид, ки ба густариши минбаъдаи ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Ӯзбекистону Тоҷикистон дар сатҳи ҳукуматҳо, вазорату идораҳо нигаронда шудааст.

Аз ҷониби президентҳо имзо шудани Эъломия оид ба таҳкими дӯстии абадӣ ва иттифоқӣ рӯйдоди муҳими сафар буд.

Умуман, ин мулоқот аз он ҷиҳат аҳамияти калон дорад, ки муносибатҳои бародарии байни халқҳои моро ба зинаи нав мебардорад.

Абдуғанӣ САНГИНОВ,
узви Сенати
Олий Маҷлис.

СӮХ – МИЗБОНИ ЧОРАБИНИИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ФАРҲАНГӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Натиҷаи ҳамин гуна ғамхориҳост, ки ҷавонони сӯхӣ дар масканҳои таълими олии ҷумҳурӣ ва берун аз мамлакат таҳсил менамоянд, дар як қатор соҳаҳо чун кадрҳои ҷавони салоҳиятнок худро нишон медиҳанд, дар озмунҳо, ҷашнвораҳо ва ҷашнвораҳо ва ҷашнвораҳо ва

Дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд бахшида ба 80-умин солгарди Арбоби шоистаи санъати Ӯзбекистон, академик, профессор Бахтиёр Назаров таҳти номи «Роҳи интихобнамуда» намоишгоҳи шахсии ӯ баргузор гардид. Дар он қариб 100 асари нақкош ба маърази намоиш гузошта шуд.

РОҲИ ИНТИХОБНАМУДА

Тавре ки дар суҳбати мизи мудаввар аз ҷониби мутахассисони соҳа таъкид гардид, нақкош роҳи пуршебу фарози эҷодро пушти сар гузоштааст.

Намунаҳои осори ба маъразгузоштаи ӯ, ки дар онҳо тарзи ҳаёти ҳамзамонон, манзилҳои зисти мо, лавҳаҳо аз таърихи сиёсиву иҷтимоӣ, шахсони таърихӣ, арзишҳои миллӣ, ёдгориҳои меъморӣ, симои занони кишвар ва мамолики хориҷӣ, намояндагони барҷастаи илму адаб — Нодира, Зебуннисо, Л. Саримсоқова, М. Қайюмов ва дигарон инъикос ёфтаанд, ҳамчунин, ангораҳое, ки барои филмҳои «Бачаи шум» ва «Машраб» офаридааст, ба хусни таваҷҷуҳи бинандагон афзуданд.

Нақкош дар деҳаи Нанайи вилояти Намангон ба дунё омадааст. Хатмкардаи омӯзишгоҳи нақкошии ба номи П. Бенков, Донишкадаи давлатии умумииттифоқи кинематография, узви Иттифоқи арбобони кино ва Академияи бадеии Ӯзбекистон мебошад. Дар намоишгоҳҳои шахсӣ ва гурӯҳии ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар (Хитой, солҳои 2007-2010) бо нақкошиҳояш ширкат ҷустааст.

Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.

Нишасти матбуотӣ

ЗАН – ТАРБИЯТГАРИ МИЛЛАТ

Зан – оинаи ҷамъият, тарбиятгари миллат. Меҳру муҳаббати зан дар садоқат ба Ватан, тарбияи насли оянда ва чун инсони баркамол ба воя расидани он омили муҳим ба ҳисоб меравад. Фармони Президент "Дар бораи чорабиниҳо доир ба дастгирии оила ва занону духтарон" баҳри дастгирии ҳаматарафаи занону духтарон ва мавқеи онҳо дар мамлакат хидмат мекунад.

Бо иштироки роҳбарияти Кумитаи давлатии оила ва занону духтарони ҷумҳурӣ таҳти мавзӯи "Нақши ВАО дар ҳаллу фасли мушкилоти занону духтарон" нишасти матбуотӣ баргузор шуд.

– Бо мақсади таъмини иҷрои вазифаҳо, ки дар баёноти роҳбари давлат "Дар бораи чорабиниҳо доир ба боз ҳам пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолии эҳтиёҷманд" аз 29 апрели соли ҷорӣ, муайян карда шуда буданд, аз намояндагони 17 вазорату идора гурӯҳи корӣ созмон дода шуд. Дар 208 маҳаллаи шаҳру ноҳия штаби хидмати иҷтимоӣ ташкил карда шуд, — гуфт раиси Кумитаи давлатии оила ва занону духтарон Зулайхо Маҳкамова. – Дар маҳаллаҳои вилояти Фарғона намунаи "Баланси оила" барпо гардид, дар ин самт 15 лоиҳаи ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ таҳия шуд. Бо ташаббуси кумита дар ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё аксияи "Модарон барои макони сабз" роҳандозӣ гардид. Дар доираи он дар 498 минтақа "Боғи модарон" ташкил гардид. Албатта, ҳамаи ин баҳри ҳифзи иҷтимоӣ ва дастгирии занону духтарон мебошад.

Инчунин, таъкид гардид, ки дар 3 ҳазору 750 маҳалла таҳти мавзӯи "Арзишҳои миллӣ – сарвати бебаҳо" чорабиниҳои маданиву маърифатӣ гузаронда шуд. Барои мустаҳкам намудани арзишҳои оилавӣ, бо воситаи тарғиб намудани оилаҳои намунавӣ таъмини муҳити солим дар оилаҳои ноором озмуни "Оилаи ибратноки Ӯзбекистони Нав" гузаронда шуд ва дар он намояндагони 27 ҳазору 802 оила иштирок намуд. Дар чаҳорчӯбаи моҳонаи "15 май – Рӯзи байналхалқии оила" аз ҳоли беш аз 30 ҳазор оилаи ба ҳимояи иҷтимоӣ муҳтоҷ хабар гирифта шуд, ба 13 ҳазору 469 нафар шаҳрванд воситаҳои реабилитатсионӣ расонда дода шуд. 11 ҳазору 503 нафар оиларо аз назорати пурраи тиббӣ гузаронданд.

Назар ба гуфтаи директори фонди дастгирии мақсадноки оила ва занону духтарон У. Исмоилов, бо ҳамкории як қатор ташкилотҳо, аз ҷумла Фонди аҳолишиносии СММ дар Ӯзбекистон, ваколатхонаи Бонки ҷаҳонӣ дар Ӯзбекистон, Агентии рушди байналхалқии ИМА, Кумитаи байналхалқии Салиби сурх, Фонди ҷаҳонии ҳифзи кӯдак ба занону духтарон ва ҷавононе, ки ба «Дафтари занон», «Дафтари оҳанин» ва «Дафтари ҷавонон» дохил шуда буданд, кӯмак расонда шуд.

Аз ҷониби яке аз журналистон савол дода шуд, ки: "Мутаассифона, алҳол дар баъзе оилаҳо аз ҷониби шавҳар ба зан тазйиқ, зӯроварӣ, ҳуқуқашро поймол намудан, ҳатто ҳолатҳои ба марг расондан низ дида мешавад. Доир ба ин вазъ аз ҷониби кумита чӣ хел чорабиниҳо андешида мешаванд?"

– Албатта, ҳар як зан ё духтар ҳуқуқи худро бояд донад. Барои зӯроварӣ, тазйиқ, лату кӯб, ҳатто суханҳои носазо низ дар назди қонун ҷавоб медиҳанд. Ҳоло аз тарафи ҳукумат барои бонувоне, ки ба чунин ҳолатҳои нохуш дучор мегарданд, "Ордери ҳимоя" дода мешавад. Илова бар ин, мо баҳри дастгирии ҷинси нозук – модарон, занон, хоҳару духтаронамон ваколати пурра дар даст дорем, – гуфт З. Маҳкамова.

Чунин корҳои тарғиботию ташвиқотӣ аз он далолат медиҳанд, ки ҳукумати кишвар ба ҳифзи занону духтарон, ҳимояи иҷтимоӣ, бо шуғл фаро гирифтани онҳо эътибори ҷиддӣ медиҳад.

С. БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори
"Овози тоҷик".

МУАССИСАИ НАВ БАРОИ КӮДАКОН

Дар маҳаллаи Бинокори ноҳияи Хавоси вилояти Сирдарё муассисаи ғайридавлатии таълими томактабии "Хавос дилбандлари", ки дорои 150 ҷой мебошад, фаъолияти худро шуруъ кард.

Дар чорабинӣ намояндагони мактабҳои таълими умумӣ, роҳбарони муассисаҳои томактабӣ, фаъолони Иттифоқи ҷавонон ва аҳли ҷамоаи маҳалла ширкат варзиданд.

Дар маскани тарбия хонаҳои махсуси таълимӣ, таҷҳизоти зарурӣ, китобҳои дарсии забони хориҷӣ ва воситаҳои техникии замонавӣ барои омӯхтани забони русӣ ва англисӣ, толори мусиқӣ, амфитеатри тобистона, майдончаи мини-футбол ба наврасон хидмат мекунанд. Алҳол дар кӯдакистон ба 128 нафар хурдсол 24 нафар педагог ва тарбиятгар таълиму тарбия медиҳанд.

Мураббиёни бомалака бо бачагон машғулотҳои нахустини усулҳои интерфаъол, ки барои гурӯҳи хурдсол дар доираи Барномаи давлатии таълими "Қадами аввал" гузаронида мешавад, ба ташаккул додани тарзи ҳаёти солим ва баланд бардоштани салоҳияти зеҳнии онҳо нигаронида шудааст. Дар он кӯдакон бо кӯмаки мураббиён расм кашиданд, ҳар гуна нақшҳо офариданд, дар бораи хусусиятҳои фоидабахши меваву сабзавот маълумот гирифтанд. Ҳамчунин нутқи кӯдакон, дониши ибтидоии математикӣ, қобилияти эҷодии онҳо аз санҷиш гузаронида шуданд.

Ба муассисаҳои таълими томактабӣ ва мактабҳои таълими умумии вилояти Сирдарё тӯҳфаи Президент – маҷмӯи китобҳо супурда шуд.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти СИРДАРЁ.
Суратгир: муаллиф

ДАР ВИЛОЯТИ ФАРҒОНА МАРКАЗИ ОМӮЗИШИ КАСБУ ҲУНАР КУШОДА ШУД

Дар шаҳри Фарғона маросими ботантанаи кушоиши маркази омӯзиши касбу ҳунар, ки таҳти шарикӣ бо KOICA – Агентии ҳамкории байналхалқии Кореяи Ҷанубӣ ташкил ёфтааст, баргузор гардид.

Дар чорабинӣ ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров, Сафири Фавқулодда ва Мухтори Кореяи Ҷанубӣ дар мамлакатамон Ким Хи Санг, ҷонишини якуми вазири шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ Эркин Муҳитдинов, директори офиси Агентии ҳамкории байналхалқии Кореяи Ҷанубӣ дар Ӯзбекистон Пак Сунтин, масъулони ҳокимияти вилоят ва шаҳр, роҳбарони ширкатҳои калони Корея дар Фарғона, вакилони ҷамоатчигӣ иштирок намуданд.

Барои ба амал баровардани лоиҳаи марказ, ки дар доираи қарори Девони Вазирон «Дар бораи чораҳои ташкил кардани марказҳои омӯзиши касбу ҳунарро фарогири шаҳрвандони бекор дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон» ташкил ёфтааст, аз ҷониби Агентии ҳамкории байналхалқии Корея 9 миллиону 320 ҳазор доллар сармоя гузаронда шуда, бинои таълими замонавӣ, хобгоҳ, маҷмӯъи иборат аз ошхона ва толори варзишӣ барпо карда шуд.

Тамоми ускуна ва таҷҳизоти замонавии марказ аз Кореяи Ҷанубӣ оварда шудааст. Машғулоти таълимӣ низ дар асоси барнома ва дастуруламалҳои ин мамлакат гузаронида мешавад. Самтҳои таълимии электроника, технологияҳои иттилоотӣ, автомобилсозӣ, дӯзандагӣ ва косметология, ки барои марказ интихоб шудааст, ба иқтисодиёти вилоят аҳамияти муҳим касб менамояд. Имконияти дар як сол ба омӯзиши касб фарогирии 480 нафар шаҳрвандони бекор мавҷуд. Хонандагон дар курсҳои 6-8-моҳа таълими касбӣ мегиранд. То ин вақт чунин марказҳо дар шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд ва Шаҳрисабз мавҷуд буданд. Маркази нав, ки дар Фарғона ташкил ёфтааст, ба аҳолии вилоятҳои водӣ хидмат мерасонад.

М. СУЛАЙМОНОВ,
мухбири ӮзА.

Дар сурат: *дар маркази омӯзиши касбу ҳунар.*
Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).

ВЕЛОМАРАФОНИ БАЧАГОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Дар шаҳри Самарқанд ба муносибати Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон миёни бачагони синни томактабӣ веломарафони дувум гузаронида шуд.

Раиси Сенати Олий Маҷлис, раиси Федератсияи велоспорти Ӯзбекистон Т. Норбоева дар бораи аҳамияти гузаронидани веломарафон, ки соли гузашта бори аввал дар Тошканд доир гардида, имсол дар Самарқанд гузаронида мешавад, ҳарф заданд. Зикр гардид, ки ин мусобиқа барои афзунсозии муҳаббати ҷавонон ба варзиш, тарғиби тарзи ҳаёти солим миёни онҳо хидмат мекунад ва минбаъд дар минтақаҳои гуногуни кишвар гузаронидани ин марафон дар назар аст.

Бино ба маълумоти масъулони Вазорати таълими томактабӣ соли 2021 дар сохтори таълими томактабӣ таълиму тарбияи экологӣ ва методикаи беговелронӣ барои бачагон роҳандозӣ шудааст. Бо ин мақсад, 13 ташкилоти таълими томактабии такягоҳӣ бо 400 дона беговел таъмин гардиданд. Соли ҷорӣ дар доираи лоиҳа ба 20 ташкилоти таълими томактабӣ 500 дона беговел тақдим гардид. Аз ҷумла, як қатор ташкилотҳои таълими томактабии Самарқанд низ ба ин лоиҳа пайвастанд. Ҷиҳати бартариноки беговел дар он аст, ки бачагони хурдсол нигоҳ доштани мувозинатро меомӯзанд ва азхудкунии велосипедронӣ низ осон мегардад.

– Чанде пеш ба кӯдакистони мо 25 дона беговел доданд, — гуфт роҳбари ташкилоти таълими томактабии рақами 36-и шаҳри Самарқанд Дилфуза Қутлиева. – Росташ, дар аввал мо ҳам, кӯдакон ҳам аз ин тааҷҷуб кардем. Охир велосипедҳои бепедалро бачагон чӣ хел идора мекунанд? Баъд дар бораи афзалиятҳои беговел маълумот гирифтем. Аён шуд, ки беговел барои мувозинатдориро омӯхтани бачагон, солим гардидани мушаҳҳо ва ҷисмонан пурзӯр шудани онҳо, инчунин, велосипедрониро бе мушкилӣ аз бар намудани хурдсолон хидмат мекардааст. Ҳозир тарбиягирандагони мо истифодаи онро хуб омӯхтанд. Онҳо дар марафони имрӯза низ иштирок карданд.

Дар доираи чорабинӣ аз тарафи ҳокимияти вилояти Самарқанд ба Федератсияи велоспорти вилоят 2 автомошини "Дамас" ва 40 велосипеди замонавӣ туҳфа карда шуд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти Самарқанд.

ИБТИДОИ НЕК ИНТИҲОИ БОСАМАР БА БОР МЕОРАД

Бо ибтикори Иттиҳодияи эҷодии журналистони Ӯзбекистон ва ҳокимияти вилояти Ҷиззах дар вилояти Ҷиззах сафари матбуот роҳандозӣ шуд, ки метавон гуфт, аз хотираҳои нек ва таассуроти амиқ хеле ғанӣ мебошад. Он нахустин сафари матбуотии байналмилалӣ арзёбӣ гардид, зеро дар он дар баробари журналистони маҳаллӣ журналистони хориҷӣ низ ширкат карданд.

Журналистонро ҳокими вилоят Эргаш Солиев ба ҳузур пазируфт. Дидору мулоқот бо ӯ дар фазои озод ва хеле пурмуҳтаво гузашт. Вай барои журналистон оид ба рушди саноат, сохтмон, истеҳсолот, таъмини шуғли аҳолӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои бошандагони вилоят, инчунин беҳбуди вазъи иҷтимоӣ ва масъалаҳои мубрами дигар маълумоти муфассал ироа намуд.

– Бори аввал дар вилояти мо бо журналистони маҳалливу хориҷӣ чунин мулоқоти муштарак барпо мегардад. Умедворам, ки чунин сафарҳои матбуотии муштарак ба вилояти мо минбаъд низ давомдор хоҳад буд. Вилояти Ҷиззах аз ҳар нигоҳ ба пеш ҳаракат мекунад ва дар ин ҷода муваффақиятҳои зиёд низ ба даст меоварад, ки боиси сарфарозиҳои мост. Ба ин гуфтаҳо зимни боздид аз шаҳри Ҷиззах, корхонаҳои саноатӣ, иншооту биноҳои гуногуни истиқомативу маъмурӣ ва амсоли он худи шумо эътимод ҳосил хоҳед кард, – изҳор намуд Эргаш Солиев.

Боздиди аввал аз велодром ба вуқӯъ пайваст, ки дар Осиёи Марказӣ беназир мебошад ва ба тамоми талаботи байналмилалӣ ва стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ ст. Баъди ин боздид сафари мо бо маросими гулчанбаргузорӣ ба пояи муҷассамаи Шароф Рашидов идома намуд. Инчунин аз осорхонаи ӯ низ боздид кардем. Дар ин осорхона ашёҳое гузошта шудаанд, ки ба кору фаъолияти ин арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ, адиби маъруф бахшида шудаанд.

Маълум шуд, ки ин осорхона 6 ноябри соли 1992 дар арафаи ҷашни 75-умин солгарди Шароф Рашидов таъсис ёфтааст. 27 марти соли 2017 Президент Шавкат Мирзиёев ба истиқболи 100-солагии гиромидошти Шароф Рашидов қарори вижае содир намудааст, ки мувофиқи он ин осорхона куллан мавриди тармим ва бозсозӣ қарор гирифтааст. Ҳоло ин осорхона ба ҳусни ин шаҳри қадима ҳусни тоза зам намудааст.

– Муҷассамаи ҷуфти эҷодкор – Зулфия ва Ҳамид Олимҷон чаро мавриди таваҷҷуҳ қарор дорад? – суол мекунад яке аз журналистони хориҷӣ дар осорхонаи Ш.Рашидов дар Ҷиззах.

– Ин низ бесабаб нест. Агар шумо ба муҷассамаи ҳарду адиб рамузгирона назар кунед, мебинед, ки Зулфияхонум хаёломез нишастааст ҳамсари ӯ – Ҳамид Олимҷон бо либоси сафед ба сӯйи вай қадамзанон мерояд ва шеъри тозаашро мехонад. Аммо инҳо танҳо хобу хаёлро мемонанд, чунки Ҳамид Олимҷон дар синни 35-солагӣ, зимни як садамаи ногаҳонии нақлиётӣ захмҳои зиёд мебардорад ва бар асари он аз ҳаёт чашм мепӯшад. Шояд либоси оҳарие, ки Ҳамид Олимҷон "ба бар" кардааст, рамзи аз ин ҳаёт барвақт рехлат кардани ӯро ифода кунад, – мегӯяд директори Ширкати садову симои вилоят ва раиси бахши вилоятии Иттиҳодияи эҷодии журналистон Эркин Шерманов.

Хусусан, боздид аз Донишгоҳи технологии Самбрами шаҳри Ҷиззах, раванди таълим дар он ва шароити мусоиде, ки барои донишҷӯён фароҳам оварда шудааст, хеле хушоянд буд. Дар пайи он шиносоӣ бо фаъолияти корхонаи дӯзандагии «FARALI textile»-и ҶММ-и «NEWLAND», воқеъ дар «Алмазор сити»-и шаҳри Ҷиззах барои журналистон хеле дилписанд анҷом ёфт.

– Ин корхона ба истеҳсоли либосҳои бачагона, занона ва мардона тахассус дода шудааст, ки қисми асосии маҳсулоти барои содирот ва як қисми он барои бозори дохилӣ пешбинӣ гардидааст. Дар ин ҷо зиёда аз ҳазор нафар занону духтароне ба кор ҷалб гардидаанд, ки вориди «Дафтари оҳанин», «Дафтари занон» ва «Дафтари ҷавонон» шудаанд. Онҳо дар ин ҷо маоши хуб мегиранд ва маишати оилавиашонро таъмин мекунанд, – гуфт ба "Овози тоҷик" ҷонишини директори ин корхона Ихтиёр Пӯлотов.

Вай афзуд, ки дар тамоми гӯшаву канори ҷаҳон ягон ҷабҳае намонд, ки аз пахши пандемия осеб надида бошад. Махсусан, ба бахши истеҳсолӣ ин офат бештар зарар расонд. Вазъи корхонаҳоеро, ки лоиҳаҳояшонро барои татбиқ куллан тайёр кардаанд, басо мушкилоти ҷиддӣ эҷод гардид. Ба гуфтаи Ихтиёр Пӯлотов лоиҳаи истеҳсоли маҳсулоти трикотажии тайёри ҶММ «NEWLAND» 1 марти соли 2020 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, вале баъди як муддат фаъолияти он қатъ гардид ва танҳо моҳи сентябри ҳамон сол дубора ба фаъолияти худ шуруъ намуд.

(Давомаш дар саҳ.4).

ҲАФТАИ МӮДИ ВОДИИ ФАРҒОНА – ИМКОНИЯТИ ХУБ БАРОИ ДИЗАЙНЕРОН

Дар чаҳорчӯби Фестивали байналмилалии "Иди гул"-и Намангон нахустин бор "Ҳафтаи мӯди водии Фарғона – 2022" баргузор гардид. Муассиси ин лоиҳа шуъбаи вилоятии Иттиҳодияи иҷтимоии "Фардо аз имрӯз оғоз меёбад" муаррифӣ шуд.

Барои ширкат дар ҳафтаи мӯд дизайнерони ҷавони вилоятҳои Андиҷон, Намангон ва Фарғона, вилояти Суғд (Тоҷикистон) ва вилоятҳои Боткент, Ҷалолобод ва Ӯш (Қирғизистон) интихоб шудаанд. Намоиши муқаддамотии мӯди як гурӯҳ дизайнерон дар хиёбони "Майдони хотира"-и Боғи маданият ва истироҳати ба номи Бобур баргузор шуд.

Тавре ки менеҷери лоиҳа Наталя Гарбуз зимни нишасти хабарӣ гуфт, тӯли як ҳафта барои роҳбарони корхонаҳои дӯзандагӣ, дизайн-студияҳо, маркетологҳо, топ-менеҷерҳо, намояндагони агентиҳои реклама семинарҳои амалии ҳафтаи мӯд ва амсоли он дарсҳои маҳорат роҳандозӣ гардид.

Вай таъкид кард, ки дар Ӯзбекистон, хосатан дар минтақаҳо имкониятҳои фаровони рушди саноати мӯд мавҷуд аст. Дар ин лоиҳа таваҷҷуҳи асосӣ ба он равона шудааст, ки дизайнерони маҳаллии водии Фарғона, инчунин мутахассисон ва дастандаркорони тарху дӯхтани либосҳои замонавӣ битавонанд маҳсулоти худро ба бозори ҷаҳонӣ содир кунанд.

– Бо боварии том арз мекунам, ки мутахассисони соҳаи дизайни ҳафт вилояти водии Фарғона аллакай соҳиби маҳорату малака шудаанд ва метавонанд таваҷҷуҳи сайёҳони зиёди дохилӣ ва хориҷиро ба маҳсулоти худ ҷалб созанд. Ин раванд дар ҳамкории миёни онҳо низ пешрафтҳои зиёд ба даст хоҳад овард, – тазаккур дод менеҷери лоиҳаи мазкур Наталя Гарбуз.

Яке аз нуктаҳои асосии рушди ин соҳа фароҳам овардани ҷойи кор барои ҷавонон, хусусан занону духтарони водии Фарғона, пайдо намудани манбаъи даромад ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии онҳо, инчунин аз тариқи дарсҳои маҳорату малака тайёр кардани дизайнерҳои ҷавон ва моделерҳо мебошад.

Дар поёни нишасти хабарӣ як гурӯҳ духтарони маҳаллӣ намудҳои гуногуни либосҳои тайёркардаи дизайнерҳои вилояти Намангонро дар маърази тамошо қарор доданд.

Интизор меравад, ки дар чаҳорчӯби ин лоиҳа мутахассисон аз ҳар ҷумҳурӣ се нафариро барои ишғоли ҷойҳои ифтихорӣ интихоб мекунанд. Голибон соҳиби мукофотҳои пулӣ ва туҳфаҳои гаронбаҳо гардиданд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири
"Овози тоҷик".

Вилояти НАМАНГОН.

ИБТИДОИ НЕК ИНТИҲОИ БОСАМАР БА БОР МЕОРАД

(Аввалаш дар саҳ.3).

– Имрӯз 250 нафар коргар дорем, – мегӯяд Ихтиёр Пӯлотов. – Музди меҳнат онҳоро қонеъ месозад. Ба ҳисоби миёна солона 2 мил-

лион дона маснуоти трикотажӣ истеҳсол мекунем. Дар шаш моҳи соли 2021 ба Русия ба маблағи 817 ҳазор доллар маҳсулот содир кардем. Харидори дигари маҳсулоти мо кишвари Молдова мебошад, ки ба он теъдоди зиёди маҳсулотамон содир гардидааст, – қайд намуд И.Пӯлотов.

Дарвоқеъ, шаҳри Ҷиззах дар як муддати кӯтоҳ соҳиби дигаргуниҳои куллӣ шудааст. Хонаҳои зиёди бисёрқабатаи "Олмазор Сити" метавонад боиси ҳайрати ҳар як меҳмони ин шаҳристон гардад. Дар он беш аз даҳ хонаи 16-ошёна сохта шудааст, ки гуфта мешавад, аз тамоми шароити мусоид бархурдор мебошад. Боздид аз филиали IT PARK-и Ҷиззах низ дар журналистони маҳалливу хориҷӣ таассуроти амиқ боқӣ гузошт.

Шиносоӣ бо Ҷиззахи навинро давом медиҳем ва ба корхонаи автомобилсозии «ADM Jizzax» меоем.

– Ҳоло дар ин корхона қисмҳои 5 намуди мошини тамғаи KIA васл карда мешавад ва барои фурӯш ба бозори дохилӣ муқаррар шудааст. Дар корхона зиёда аз 250 нафар коргарон машғули кор мебошанд. Дар корхона барои истироҳат, хӯрокхӯрӣ тамоми шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Соли оянда ба кор андохтани сехи нав пешбинӣ шудааст. Дар ояндаи наздик раванди маҳаллисозӣ ва истеҳсоли тамоми қисмҳои зарурии мошинҳои KIA ва RENAULT ба нақша гирифта шудааст. Баъди пурра ба кор даромадани корхона зиёда аз 2000 нафар аҳолии шаҳру рустоҳои ин ҷо бо ҷойи кор таъмин хоҳанд шуд. Дар 1 соат 5 мошин тавлид мешавад. 90 фоизи коргарони комбинат ҷавонони маҳаллӣ мебошанд, – гуфт ноиби ҳокими вилоятсардори Садорати инвеститсия ва савдои беруна Нодир Нурматов.

Ногуфта намонад, ки дар ҷараёни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо мақсади мустаҳкам намудани ҳамкориҳои дуҷониба ва шарикии стратегӣ 11 ҳуҷҷат ба имзо расидааст. Аз ҷумла, имзои «Харитаи роҳ» барои ривоҷ додани ҳамкориҳои дуҷонибаи миёни вилоятҳои Ҷиззахи Ӯзбекистон ва Суғди Тоҷикистон маҳз аз ҳамин шумор мебошад.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири
"Овози тоҷик".

ТОШКАНД – ҶИЗЗАХ.

Мусоҳибаи мо

«МАРДУМАТОНРО ХУШҲОЛ ВА МЕҲМОНДӮСТ ДАРЁФТАМ»

Олими намоёни амрикоӣ, эроншиноси барҷаста, профессори Донишгоҳи Конкардияи Монреали Канада Ричард Фолтс ба қарибӣ ба Бухоро ташриф овард. Вай танҳо набуд. Модараруҳ, ҳамсараш Фотима Виталиевна (зодгоҳи онҳо Осетияи Русия аст) ва писарчааш Рочер ҳамроҳи ӯ буданд. Имконият даст доду бо онҳо дар Регистон – майдони даромадгоҳи Арки Бухоро шинос шудем. Ҳарчанд забони модарии Ричард англисӣ аст, вай ба забони форсӣ озодона ҳарф мезад. Ӯ забонҳои фаронсавӣ, олмонӣ, арабӣ ва туркиро низ медонистааст.

Р. Фолтс кист ва чӣ гуна олим аст? Мо хостем, то андозае дар ин бора таваққуф намоем.

Олими амрикоӣ Р. Фолтс мутахассис дар соҳаи таърихи тамаддуни Эрон, ки онро баъзан «Эрони Бузург» низ меноманд, профессори кафедраи дин ва фарҳанги Донишгоҳи Конкардияи Монреал (Канада), инчунин профессори Маркази тадқиқотҳои дини муосири Донишгоҳи Шербрук, доктори илми таърихи Шарқи Наздик дар Донишгоҳи Гарвард, доктори адабиёти форс ва забоншиносии амалии Донишгоҳи Юта (ИМА) мебошад. Ӯ дар донишгоҳҳои Кувайт, Браун, Колумбия, Флорида низ кор кардааст. Р. Фолтс дар соҳаи этикаи экологӣ ва ҳуқуқи ҳайвонот низ корҳои илмӣ дорад. То дохилшавӣ ба академия вай якчанд сол дар Аврупо чун мусиқишинос, мунаққиди синамо, нависандаи сайёҳ низ фаъолият нишон додааст. Ӯ муаллифи 12-то китоб буда, бештар аз 100 мақолаи илмиаш ба забонҳои зиёди халқҳои дунё тарҷума шудаанд.

Фолтс дар асарҳояш нақши эрониёнро бобати густариши фарҳанги эшон дар олам, саҳми онҳо ба тамаддуни умумиинсонӣ ва рушди дин алоҳида таъкид кардааст. Ӯ ақида дорад, ки ба ташаккулёбии динҳои яҳудӣ, буддоӣ ва насронӣ таъсири ғояҳои динҳои эронӣ аз қабили оташпарастӣ, монӣ ва ислом, инчунин боварӣ ба Худо хеле калон аст. Ҳамин тариқ, вай таъсири тамаддуни эрониро нафақат ба ташаккули маданияти халқҳои Осиё, балки дар қатори тамаддунҳои Юнону Рум ба мамлакатҳои Аврупо низ эҳсосшаванда меҳисобад. Ба фикри олим тоҷирони бостон, савдогарони Роҳи бузурги абрешим асосан халқҳои эронинажод – суғдҳо, парфиягию форсҳо будаанд.

Китоби Р. Фолтс «Таърихи тоҷикон: эрониёни Шарқ» аввалин монография дар ин мавзӯъ ва ба забони ғарбӣ аст, ки он се сол муқаддам дар Лондон аз чоп баромад.

– Кӯшиш дорам, ки дар нашри дуюми китоб маълумот ойди тоҷикони Ӯзбекистон пурратар шавад, – гуфт вай.

– Сафари шумо ба Бухоро аввалин аст? – пурсидам аз вай.

– На, бори аввал ин ҷо соли 1990 омада будам, – ҷавоб дод ӯ.

– Фикри Шумо дар бораи вожаҳои Тӯрон ва Эрон чӣ гуна аст?

– Ин ҳар ду сарзаминест, ки мардумонаш эронинажод буданд.

– Маълум аст, ки воқеаҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар ин ду сарзамин рух додаанд. Оё онҳо бо ҳақиқати таърихӣ мувофиқат мекунанд?

– Бале, фақат «Тӯрон»-ро «Туркистон» овардани шоир асоси илмӣ надорад.

– Дар бораи таърихи забони форсӣ чанд сухан мегуфтед...

– Қадимтарин забони эронӣ ин авастоӣ, яъне гатҳои «Авесто» аст. Баъди истилои араб парчамбардори эрониён хонадони Сосониён буданд. Чи хеле ки дар пешгуфтори «Таърихи Табарӣ» дар бораи Аҷам оварда шудааст, бо шарофати ҳокими Сиистон Абӯлайси Саффорӣ (вай забони арабиро дӯст намедошт) забони форсӣ дар Эрон пойдор монд. Чи хеле ки дар «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ оварда шудааст, забони мардуми Бухоро ва музофоти он, аз ҷумла забони модарии Ибни Сино низ суғдӣ буд. Ибораҳои «рост ист», «хам шав», «нағз-мӣ?» ва ғайра, ки ҳоло низ байни мардум истеъмол мегардад, суғдӣ мебошанд. Ин забон то асрҳои XI-XII роиҷ буд.

Забони форсӣ (тоҷикӣ) дар давраи Сомониён расман паҳн гардид ва Бухоро ошёни ин забон аст.

– «Бухоро» барои Шумо чӣ гуна ном аст?

– «Бухоро» барои мо – шарқшиносон исми рӯёӣ аст. Беҳуда нест, ки маҷаллаи адабии Эрон (сардабираш Алӣ Даҳбошӣ) бо ин ном интишор меёбад.

– Ақидаи Шумо дар бораи Наврӯз чи гуна аст?

– Маълум аст, ки дар давраи «Авасто» таҷлили Наврӯз ва Меҳргон дар Эрону Тӯрон пуршукӯҳ мегузашт. 4000 сол муқаддам ин ид (Наврӯз) дар Байнаннаҳрайн, давраи бобулиҳо, ки забонашон инжурӣ буд, таҷлил меёфт...

Мусоҳибам ба соати дастиаш чашм давонд. Вақтро ғанимат дониста аз вай пурсидам:

– Шумо, ки баъди 32 сол боз ба диёри мо ташриф овардед, дар бораи он чӣ гуфтан мехоҳед?

– Мамлакататон, шаҳратонро хеле обод, мардуматонро хушҳол ва меҳмондӯст мебинам.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.
Суратгир: Т. ХОВАРӢ.

Муосирони мо

«БОБОҶОН» ҲОЛО БОБОҶОН ШУДААСТ

Амаки Абдукарим дар оила фарзанди ягона буд, аз ин лиҳоз мехост писару духтари бисёре дошта бошад. Бо холаи Хурсаной соҳиби се духтару як писар шуданд, тамоми пастиву баландӣ, талхиву ширинии ҳаётро бурдборона ба ҳам диданд.

Ба писар, ба хотири зинда нигоҳ доштани номи падар барояш исми Тағоймуродро доданд, вале дар ҳуҷҷат номаш Баҳодур буд. Аҳли оила ва хешу пайвандон кӯдакро бо навозиш "Бобоҷон" мегуфтанд.

Амаки Абдукарим тақозои зиндагӣ аз деҳаи Эҷ ба маркази совхози Нурато, ки аксарият ӯзбекону қазоқон зиндагӣ мекарданд, кӯч баст. Ӯ то синни нафақа чун челонгар дар сохтмон меҳнат кард.

Баҳодур мактаби таълими ҳамагонии рақами 32-юмро бо баҳои аъло ва хулқи намунавӣ хатм намуд. Баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон супурд. Бахташ омад кард, донишҷӯ гардид. Хурсандии падару модар интиҳо надошт. Амаки Абдукарим, ки аз меҳнати сиёҳ косааш ба осонӣ сафед намешуд, мехост писари ягонааш хонад, маълумоти олӣ гирад. Ҳамин тариқ, Баҳодур солҳои донишҷӯиро бо як олам таассурот пушти сар гузошт. Он рӯзгор кадрҳои ҷавон барои иқтисодиёти мамлакат зарур буданд.

Баҳодури ҷавон фаъолияти меҳнатиашро дар шуъбаи молияи ноҳияи Нурато ба сифати ҷонишини сармуҳосиб оғоз намуд. Дертар роҳбари шуъбаи савдои Саридораи иқтисодиёти ҳокимияти вилоят интихоб гардид. Чашмикордонӣ ва шуҷоатнокии вай дар муддати кӯтоҳ эҳсос гардид. Ӯро ҳамчун раиси Ҷамъияти матлуботи ноҳия интихоб намуданд. Ба ҳамагон маълум аст, ки солҳои аввали истиқлолият маҳсулоти хоҷагии қишлоқ кам буд, мардум соатҳои тӯлонӣ барои гирифтани он навбат мепоиданд. Баҳодур ҳаракат мекард, ки ба аҳолии совхоз ва гирду атрофи он хӯрокворӣ, бахусус орд, равған, шакар, биринҷ ва дигар маҳсулоти заруриро саривақт расонад. Ӯ ҳамеша бо мардум буд, фикру дархости аҳолиро ба идораҳои давлатӣ ва масъулони соҳа мерасонд. Он рӯзгор халқи оддӣ ҷуръат надошт, ки мушкили зиндагии худро ба роҳбарони болоӣ расонад.

Хидматҳои ӯро ба назар гирифта, депутати халқи вилояти Навоӣ, дертар депутати халқи ноҳияи Нурато интихоб намуданд. Дар давоми фаъолияти худ дар таъмини аҳолии совхоз, минтақаҳои атрофи он ва бошишгоҳи чӯпонон бо оби ошомиданӣ ва қувваи барқ, таъмир ва мумфарши роҳҳо ҳиссаи худро гузошт. Аҳолӣ хусусан, аз норасоии об азият мекашид. Обро бо мошинҳо оварда ба аҳолӣ мерасонданд. Бо ташаббуси Баҳодур Тағоев дар масофаи садҳо километр қубурҳои об кашида шуданд. Хидматҳои қаҳрамони мо дар чаҳорчӯбаи Барномаи давлатии "Маҳаллаи обод", "Маконе сабз" низ лоиқи таҳсин аст. Писари хурдии ӯ Мӯъминҷон ба соҳибкорӣ даст зада, сехи калони дӯзандагиро ба роҳ монд. Ин аст, ки бисёр занону духтарони маҳаллӣ бо шуғли доимӣ фаро гирифта шуданд.

Баҳодур Тағоев аз соли 2008 директори мактаби касбу ҳунари рақами 1-уми ноҳияи Нуратост.

Орзуву ормонҳои амаки Абдукарим ҷомаи амал пӯшид. Рӯзе дар болои кати рӯйи ҳавлӣ дароз кашида, бо чашмони нимпӯш зери лаб пичиррос зад: "Шукри Худо, писари ягонаам дар хидмати мардум, барои ман ин бахти бузург аст...".

Дере нагузашта Баҳодур қиблагоҳашро ба хок супорид...

Оре, мушкили халқро осон намудану писанди мардум шудан бахти бузург аст. Саъдии Шерозӣ чӣ барҷо фармудааст:

Нахоҳӣ, ки нафрин кунанд
аз пасат,
Накӯ бош, то бад нагӯяд
касат.

– Баҳодурҷон суҳбати ширин дорад, адабиёти бадеӣ ва мутолиаи шеъру ғазалҳои классикони форсу тоҷикро дӯст медорад. Вақти холии худро бо мутолиаи китобу рӯзнома мегузаронад. Рафиқи дилсӯз аст, ҳаракат мекунад мушкили корафтодаеро осон намояд. Ба Баҳодур пеш аз ҳама дуоҳои модари 90-солааш болу пар мебахшанд,– мегӯяд дӯсти наздики ӯ Узоқбой Муродов.

– Албатта, модарон қуфли дари моянд. Аз кор омада, аввал ба хонаи модарам медароям, аз ҳолашон хабар гирифта, хотирҷамъона ба дигар корҳоям машғул мешавам, – мегӯяд Баҳодур.

Ӯро, ки аз хурдӣ "Бобоҷон" меномиданд, имрӯз воқеан бобоҷон аст ӯ, бобоҷони наберааҳояш.

– Дирӯз ба модарам ҳазломез гуфтам, ки маро ҳеч кас шастсола намегӯяд, оё соли таваллудамро дар ҳуҷҷат нодуруст сабт нанамудааند? Аз ин суханонам модарам бо завқ хандиданд, – мегӯяд Баҳодур.

Ҳамсараш Фазилабону ва духтараш Васила – кормандони тиб. Писаронаш Беҳрӯзҷону Мӯъминҷон соҳиби маълумоти олиянд, дасти падар гирифтаанд. Фарзандони қобили ӯ ин абёти Тошхӯҷаи Асириро ба ёд меоранд:

Намак дар комҳо ширинтар аз
шаҳду шакар гардад,
Ҷигарҳо хун шавад, то як
писар мисли падар гардад.
Падар аз шавқи дил дар
кӯдакӣ дасти писар гирад,
Ба умеде, ки дар пирӣ писар
дасти падар гирад.

Саодат БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори
"Овози тоҷик".

Аввалин намоянда ё худ асосгузори режиссураи спектаклҳои телевизионӣ дар Осиёи Марказӣ, Арбоби санъати Ӯзбекистон, соҳиби Мукофоти байналхалқии Бобур Мақсуд Юнусов мебошад, ки агар ҳаёт мебуд, ба зинаи навадуми умр қадам мениҳод.

ПОЯГУЗОРИ ВИДЕОФИЛМИ ТЕЛЕВИЗИОНИ ЎЗБЕКИСТОН

Вақте номи ин коргардони забардаст ба забон омад, филмҳои тасвирии бисёрқисматае пеши назарамон меоянд, ки дар «оинаи ҷаҳон»-и ҷумҳурӣ намоиш ёфта, эътибори миллионҳоро ба худ кашидаанд. «Гирдоб», «Хонадомод», «Алишер Навоӣ», «Бобур», «Шаб ва рӯз», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Хазинаи Улуғбек» барин шоҳасарҳо, ки дар бойгонии телевизион чун ганҷинаи бебаҳо маҳфуз дошта мешаванд, альҷон низ намоиш ёфта, тавре ба назар мерасад нав ба навор бардошта шуда, ба муаммову масъалаҳои давр, рӯҳи замоне, ки ба сар мебарем, ҳамоҳанг мебошанд ва куҳан шудан надоранд.

М.Юнусов соли 1932 дар деҳаи Қаросуви вилояти Тошканд таваллуд ёфта, соли 1946 мактаби ҳафтсоларо ба итмом расондааст. Бинобар он ки дар атрофи Қаросув мактаби даҳсола набуд, ба шаҳри Тошканд омад ва таҳсилро идома дод. Баъди хатми техникуми хоҷагии ҷангал ба факултаи филологии САГУ (Донишгоҳи Осиёи Миёна) ҳуҷҷат супурд. Аммо холҳояш нарасиданд.

Вақте афтодаруҳ аз ҳавлии донишгоҳ мебаромад, тақдир ӯро ба устоди Институти рассомӣ ва театрии Тошканд Михаил Фаттоҳов рӯбарӯ кард. Дар суҳбати сарирохӣ Фаттоҳов таскиномез гуфт, «театршиносиро хатм карда ҳам адабиётшиноси хуб шудан мумкин».

Бо дастгирии ӯ Юнусов донишҷӯи Институти театрию рассомӣ гардид. Баъди итмом ба театри шаҳри Янгийӯл роҳхат доданд.

Баъдтар Юнусов ба пойтахт баргашт ва соли 1959 дар телевизиони Ӯзбекистон ба фаъолият шурӯъ намуд. Аввалин намоишҳое, ки омода сохт, теленовеллаҳое мебошанд, ки дар асоси «Хирс», «Илтимос», «Ҷашн» барин асарҳои Антон Чехов саҳнавӣ шудаанд.

Тавре ба назар метобад аз рӯйи асари тайёр телеспектакл омода сохтан кори мушкил нест. Вале ин кор душвориҳои ба худ хос дорад. Сенариянавис ва коргардонро лозим мееяд маҳз ҷойҳои даркориро пеши назари бинанда ҷилвагар созад, ба асаре, ки дар болояш кор мекунад, эҷодкорона муносибат намояд. М.Юнусов чун коргардон ва муаллифи сенария вазифаи базиммагирифтаашро ба хубӣ ӯҳда кард ва ба эътирофи умум сазовор гардид.

Аксарияти асарҳое, ки М.Юнусов ба саҳна гузошт, таърихи ба худ хос доранд. Рӯзе драматург Ҳ.Расул, ки дӯсти наздикаш буд, пурсид, ки қиссаи хубе бо номи «Хонадомод» чоп шудааст дар маҷаллаи «Шарқ юлдузи», хондед ё не?

Нахондаам, гуфт М.Юнусов ва дар дил ния кард, модоме Ҳ.Расул таъриф месозад, он воқеан асари хуб. Дере нагузашта қисса дар шакли китоб чоп гашт. Бо диққат хонда баромад. Мехост бо муаллиф шинос шавад.

Шоир Юсуф Шомансур номзадӣ ҳимоя кард ва зиёфат дод. Гирди дастархон – асосан аҳли илму адаб. «Ҳо, ана он шахси қадбаланд Турғун Пӯлод», – гуфт нафаре, вале бо хаёли он ки безобита насозад, Мақсудака ба назди вай нарафт. Яке аз рафиқонаш гуфт, агар хоҳед худи пагоҳ шуморо ба нависанда шинос мекунам.

Аммо гуфтаи хона ба бозор рост наомад. Баъди як ҳафта хабари вафоти Т.Пӯлод паҳн гашт. Андӯҳгин шуд, ки мехост ба вай аз наздик шинос шавад ва қиссаашро ба саҳна гузорад. Бо вучуди ҳамин аз адабиётшинос Умаралӣ Норматов маслиҳат пурсида, дар болои сенарияи «Хонадомод» кор кард. Вале дар муҳокимаи сенарий ғайр аз Ҳ.Расул ҳамаи аъзои шӯрои бадеӣ ба М.Юнусов зид баромаданд. Кадоме гуфт, ки «Ман чизе нафаҳмидам». Дигаре изҳор кард ғояи асар ба сохтор мувофиқ нест. Ҳамин тавр, корҳо ойди видеофилм бозистоданд. Сенарий дар ҷевон хеле хобид.

М.Юнусов рӯзе онро ба Иттиҳодияи адибон бурд, муҳокима кунед, гуфт ба муовини раиси онвақта Ӯ.Усмонов. Насими ошкорбаёнӣ, ки мевазид, ин дафъа ба рӯйи саҳна шудани қисса, ки ғояи асосиаш танқиди норасоиҳо ва фошгӯист, иҷозат доданд. Видеофилми чаҳорқисматаро бинандагон бо ҳисси мамнунӣ қабул карданд. Дере нагузашта, иҷрокунандаи нақши асосӣ Ё.Саъдиев, наворбардор Т.Қурбонов, коргардон М.Юнусов ва муаллифи қисса (марҳум) Т.Пӯлод ба Мукофоти давлатии ба номи Ҳамза (соли 1987) сазовор шуданд.

Соли 1984 М.Юнусов дар асоси романи «Шабҳои ситоразор»-и Пиримқул Қодиров хост бо унвони «Бобур» видеофилми бисёрқисмата омода созад. Ӯ ва рассом Саидакмал Расулов ба кор шурӯъ карданд. Рӯзе котиби КМ ойди мафкура ба идораи телевизион омад. Вақте студияҳои телемарказро давр мезад, тасодуфан декоратсияҳоеро дид, ки барои видеофилм сохта буданд. М.Юнусовро ба ҳузур хонд ва сахт ҳоҳиш намуд: «Навоӣ»-ро ҳам шумо гузоштаед? Чаро ҳама қаҳрамонҳоятон бо ҷоваву салла? Кӣ будани Бобури забткорро медонед? Кӣ рухсат дод, ки образи ӯро офаред?»

Котиб ба директори киномарказ фармуд, ки эскизҳоро оташ зананд. Бо хеле меҳнат ва маблағ омода шуда буданд эскизҳо. Думоҳа маоши коргардон ва рассомро дошта монданд...

Баъди чаҳор сол Наим Ғоибов ба телерадиоширкат раис шуду аз хусуси видеофилм дар бораи Бобур пурсон шуд. Супориш дод корро давом диҳанд. Мебоист нақши Бобурро Ёдгор Саъдиев бозад, вале бинобар серкорӣ вай ба «киносанчиш» омада натавонист. Нақши асосӣ ба актёр М.Абдуқундузов насиб кард, ки нав аз театри Сурхондарё ба пойтахт омада буд.

Видеофилм дар вилояти Ҷанбули Қазоқистон, вилояти Ӯши Қирғизистон, соҳилҳои баҳри Сиёҳ ва асосан дар шаҳри Кӯқанд ба сурат бардошта шуд. Кори соли 1984 оғозёфта, ҳамин тавр, баъди 6 сол, дар охирҳои соли 1990 ба фарҷом расид. То асареро ба саҳна гузорад, чӣ қадар ранҷ, изтироб ва маҳрумиятҳо кашид коргардон ва сенарияниавис. Иродати мустаҳкам, ки дошт, аз кор дилхунук нашуд, барҳаксҳар қадар садди роҳ шаванд, ҳамон қадар ба пешравӣ ҳаракат кард ва ба кӯи мақсуд расид.

Дорандаи ордени «Эл-юрт ҳурмати» (2002) Мақсуд Юнусов, ки видеофилмро ҳамчун жанр дар телевизиони Ӯзбекистон асос гузошту ба он ривоҷу равнақ бахшид, соли 2020 дар синни 88 аз олам гузашт.

М. ШОДИЕВ.

Аз ҳаёти маҳалла

МАҲАЛЛА – МАСКАНИ МЕҲРУ ОҚИБАТ

Дар саросари мамлакатамон ба мақоми раиси маҳалла номзадҳои беҳтарин интихоб гардиданд. Дар арафаи интихоботӣ дар маҳаллаи Гулшанободи ноҳияи Янгиҳаёти шаҳри Тошканд бинои нави "Маркази маҳалла" бо раиси нави он Неъматулло Раҳматов фаъолияти худро оғоз намуд.

Дар чорабинӣ ҳокими ноҳия Ҳаёт Инағомов, ходимони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ва аҳли маҳалла ширкат варзиданд.

Дар он ҳокими ноҳия таъкид намуд, ки маҳалла сарчашмаи тарбия, маскани меҳру оқибат аст. Маҳалла аз қадимулайём гаҳвораи маънавиятест, ки арзишҳои милливу урфу одатҳоро аз ачдод ба авлод мерасонад. Дар мамлакатамон маҳалла вазифаи кӯпруки ба худ хосро дар байни давлат ва ҷамъият иҷро намуда, бобати ба ҷомеаи васеъ расондани мазмуну моҳияти ислоҳоти васеъмиқёси амалишаванда, кушодадилӣ, мустаҳкам намудани муҳити меҳру муҳаббат, тарбия намудани ҷавонон дар рӯҳи эҳтиром ба арзишҳои милливу умумибашарӣ саҳми назаррас мегузорад.

– Солҳои охир бо ташаббуси Президент ба баланд бардоштани нуфузи маҳалла ва васеъ гардондани фаъолияти он эътибори алоҳида дода мешавад. Бахусус, фармони роҳбари давлат «Дар бораи чорабиниҳои боз ҳам такмил додани институти маҳалла» ҳамчун дастуруламали муҳим дар рушди соҳа хидмат мекунад. Доир ба иҷрои фармони мазкур, бо мақсади боз ҳам мустаҳкам намудани мавқеъ ва нақшаи институти маҳалла корҳои зиёде амалӣ мешаванд. Аз ҷумла, соли ҷорӣ дигар маҳаллаҳои ноҳияву вилоят низ соҳиби биноҳои алоҳида гаштанд, – мегӯяд раиси маҳалла Неъматулло Раҳматов.

Дар маркази мазкур, ки дар муддати кӯтоҳ ба ивази қариб 1 миллиард сӯм бунёд гардид, нафақат барои ходимон, балки барои ҳар як шаҳрванде, ки ба ин ҷо меояд, шароит фароҳам оварда шудааст.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-625. Адади нашр 4852 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.